**ҚАРОРИ**

шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович

23 сентябри соли 2023 №25 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст; баромади муқарризони расмӣ: **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Раҳмонов Зикриё Пӯлотович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; **муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Юнусова Н.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи унвонҷӯ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои диссертатсионии 6D.KOA-030

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович** дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D010500 - Дефектология (13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.

2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба **Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба **Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович** дипломи номзади илмҳои педагогиро диҳад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор? – Ҳама.
Муқобил? - Нест.
Бетараф? - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.KOA-030 назди
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматзода Л.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.KOA-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

23.09.2023

*"Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам"*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.